طاجيكي

Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳим



# Қуръони карим чист?

Қуръони карим – каломи Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониёну Холиқи онҳост, мебошад ва онро бар хотами паёмбарон – Муҳаммад (с) нозил кардааст, то ба башарият равшан созад, ки ҳадаф аз офариниши онҳо чист. Инчунин, онҳоро ба роҳе ҳидоят намояд, ки саодаташонро дар дунёву охират ба дунбол дорад ва онҳоро аз бадбахтии абадии баъд аз марг раҳой бахшад. Қуръони карим охирин китоби илоҳии нозилшуда буда, тасдиқкунандаи китобҳои гузашта ва бекоркунандаи тамоми шариатҳои пешини илоҳист.

Қуръони карим нишонаву муъҷизаи абадӣ буда, далеле бар нубувати Расулуллоҳ – Муҳаммад (с) мебошад. Аллоҳи мутаол инсонҳову ҷинҳоро ба чолиш кашида, то монанди онро ё ҳатто сурае монанди онро биёваранд, аммо оҷизу нотавон монданд.

Бо ин ки беш аз 1400 сол аз нузули Қуръон мегузарад, аммо дасти таҳрифу табдил ба он нарасидааст ва ҳамвора ба забони арабӣ, ки забони нузули он аст, маҳфуз боқӣ мондааст, зеро Аллоҳ таоло Худ ӯҳдадори ҳифозат аз он то рӯзи қиёмат гаштааст.

Қуръони карим манбаъи аслии Ислом ва қонунест, ки дар ҳар замону макone ҳаёти башариро ба назму тартиб даровaрда, устувор сохтааст. Он ба ибодати ягона маъбуди Холиқ фаро мехонад ва он чиро, ки инсон барои шинохти Парвардигораш ва дини Ӯ ниёз дорад, баён мекунад. Аз ибтидои офариниши ҳастӣ ва мароҳили хилқати инсон сухан гуфта, аз умури ғайбу ниҳон дар гузашта ва оянда хабар медиҳад. Аз саргузаштҳои паёмбарони гузашта (а) ва ин ки чи тавр Аллоҳи мутаол онҳоро ёрӣ намуду душманонашонро нобуд сохт, ҳикоят мекунад. Асли ибодоту муомилот ва даъват ба ахлоқи писандидаро дар худ ҷой дода, нисбат ба ахлоқи накуҳида ҳушдор додааст. Инчунин, он дар бораи фарҷоми ухравӣ, ки ё ба сӯи биҳишт, ки сарои мӯъминон аст, ё ба сӯи дӯзах, ки сарои кофирон аст, сухан мегӯяд.

Ба далели аҳамияти ин китоби бузург, ки Аллоҳ таоло онро ба забони арабӣ нозил карда ва ба иблоғи он ба башар амр намудааст, хушҳол мешавем, ки тарҷумаи маънои онро ба забони шумо тақдими ҳузуратон кунем, то фаҳми он осон гашта ва таблиғи он сурат гирифта бошад. Гурӯҳе, ки барои анҷоми ин кор мувазаф шуда буд, тамоми талоши худро барои фаҳми маънои он ба кор гирифтааст, то тарҷумаи дақиқеро ироа диҳад. Аммо хуб медонем, ки ҳар андоза тарҷума дақиқ бошад, боз ҳам ироаи маънои бузург ва волое, ки насси Қуръони карим бар онҳо далолат мекунад, ба забони дигар начандон пурраву комил аст, зеро насси Қуръони карим мӯъҷизае бартару болотар аз ҳар амали башариест. Аз ин рӯ, ба ҳар касе, ки ҷӯёи ҳақоиқи бештаре аз ҷумлаи мавориде, ки Қуръони карим дар худ ҷой додааст, тавсия мекунем забони арабиро биёмӯзад, зеро Қуръон ба ин забон нозил шудааст.

Ва саломy дуруд бар паёмбарон, ва ҳама ситоишҳо махсуси Аллоҳ -Парвардигори ҷаҳониён аст.

**Доират-ул-маорифи Қуръони карим**

Хушҳол мешавем барои беҳтар шудани тарҷума пешниҳодоту мулоҳизоти шуморо аз тариқи панҷараи мулоҳизот, ки дар баробари ҳар оят дар вебсайти Доират-ул-маорифи Қуръони карим

**(www.quranenc.com)**

қарор гирифтааст, дарёфт намоем. Дар сурати тамоюл ба иртибот бо мо, метавонед аз тариқи ин почтаи электронӣ

**info@quranenc.com**

бо мо дар тамос бошед .

موسوعة القرآن الكريم
QuranEnc.com

www.islamHouse.com